*ТДУ 37,0*
*DOI:10.24412-2077-4990-2024-279-177-185*

**СИМОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 5-7 ДАР ДАРСИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ**

***Исмоилова Мадина Абдураҳимовна,*** *докторанти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ"ДДХ ба номи Б.Ғафуров"( Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**РОЛЬ ОБРАЗА ЛИДЕРА НАЦИИ В ПАТРИОТИЧЕСКОМ ВОСПИТАНИИ УЧАЩИХСЯ 5-7 КЛАССОВ НА УРОКАХ «ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОЕ ИСКУССТВО»**

***Исмоилова Мадина Абдурахимовна,*** *докторант кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

**THE ROLE OF PORTRAITS OF THE LEADER OF THE NATION IN PATRIOTIC EDUCATION OF STUDENTS IN GRADES 5-7 AT FINE ARTS LESSONS**

***Ismoilova Madina Abdurahimovna,*** *Doctoral Student of the Department of Social and Professional Pedagogy, SEI "Khujand State University named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *ismoilova_m.a.93@mail.ru*

***Калидвожаҳо****: тарбияи миллӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, хонандагон, рассом, симои Эмомалӣ Раҳмон, асари эҷодӣ, Президенти кишвар*

*Дар мақола оид ба баланд бардоштани тарбияи ватандӯстиву хештаншиносии хонандагон дар дарси санъати тасвирӣ тавассути асарҳои рассомони тоҷик дар мисоли чеҳранигории симои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон сухан рафтааст. Таъкид мешавад, ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун симои ибратбахш дар тарбияи ватандӯстии хонандагон метавонад хизмат намояд, зеро Сарвари кишвар баҳри пойдории сулҳ ва баромадан аз вартаи ҳалокат хизматҳои шоиста кардаанд, ки ин корнамоиҳоро мусаввирон дар осори хеш тасвир сохтаанд. Муаллиф асарҳои эҷодии рассомони тоҷик, аз ҷумла Ғафурҷон Ҷӯраев, Абдурраҳим Ҷабборов ва Абдурраҳмон Исроиловро, ки ба чеҳранигории Эмомалӣ Раҳмон ихтисос ёфтаанд, мавриди таҳлил қарор дода, тавассути методи суҳбат ва пурсиш бедор кардани ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносиро самарабахш донистааст. Хулоса мешавад, ки портретҳои дар мавзуи Президенти Тоҷикистон офаридашудаи рассомони тоҷик, на танҳо барои ифодаи олами зоҳириву ботинии афроди алоҳида, балки барои расидан ба ҳадафҳои тарбиявию таълимӣ низ хизмат мекунанд.*

***Ключевые слова****: национальное воспитание, патриотизм, самопознание, учащийся, художник, образ Эмомали Рахмона, творчество, Президент страны.*

*В статье говорится о воспитании патриотизма и самосознания учащихся на уроке «Изобразительное искусство» через произведения таджикских художников, на примере портрета Президента страны Эмомали Рахмона. Подчеркивается, что портреты Эмомали Рахмона, написанные таджикскими художниками, могут служить образцовым изображением в воспитании патриотизма среди школьников, роль Глава страны неоценима в деле по сохранению мира и выходу из пропасти разрушений, что и отражают в своих произведениях художники. Автор проанализировал творчество таджикских художников, в том числе Гафурджона Джураева, Абдуррахима Джабборова и Абдуррахмана Исроилова, специализировавшихся на портретах Эмомали Рахмона, и считает эффективным пробуждать у школьников чувство патриотизма и гражданственности посредством таких методов, как сообщения, вопросно-ответные беседы и др. Сделан вывод, что портреты, созданные таджикскими художниками о Президенте Таджикистана, служат не только для выражения внешнего и внутреннего мира личности, но и для достижения воспитательных и просветительских целей.*

***Keywords:*** *national education, patriotism, self-knowledge, student, artist, image of Emomali Rahmon, creativity, President of the country.*

*The article talks about the education of patriotism and self-awareness of students in the Fine Arts lesson through the works of Tajik artists, using the portrait of the President of the country Emomali Rahmon as an example. It is emphasized that portraits of Emomali Rahmon painted by Tajik artists can serve as an exemplary image in the education of patriotism among schoolchildren, because the Head of the country rendered worthy services in preserving peace and getting out of the abyss of destruction, and these feats were depicted by artists in their works. The author analyzed the works of Tajik artists, including Gafurjon Juraev, Abdurrahim Jabborov and Abdurrahman Isroilov, who specialized in portraits of Emomali Rahmon, and considers it effective to awaken a sense of patriotism and citizenship in schoolchildren through the method of conversation and questioning. It is concluded that portraits created*

*by Tajik artists on the theme of the President of Tajikistan serve not only to express the external and internal world of the individual, but also to achieve educational and enlightening goals.*

Санъат - яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ буда, қисми таркибии маданияти маънавии инсон ва як навъи дарки амалию маънавии оламро дар бар мегирад. Санъат ҳамчун воситаи асосии тарбияи ҷамъиятии инсоният барои ташаккули қобилияти ҳиссию ақлӣ, баҳраваршавии фард аз сарватҳои маънавӣ ва манфату идеалҳои конкретии таърихию ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Санъати тасвирӣ яке аз соҳаҳои санъат аст, ки муносибати эстетикӣ ба воқеиятро ифода мекунад. Он ба ҳама анвои фаъолияти инсон хос буда, дар он унсури зебоишиносӣ бо омили бадеӣ таҷассум меёбад. Таълими санъати тасвирӣ ба хонандагон зебоии табиат ва муносибати эстетикии онҳоро нисбат ба ашё ва ҳодисаҳои муҳит ташаккул медиҳад.

Мақсади омӯзиши санъати тасвирӣ - шинос намудани хонандагон бо зебоии табиат, боигарии миллӣ ва ташаккул додани маданияти маънавии хонандагон ба ҳисоб меравад. Вазифаи таълимии санъати тасвирӣ – инкишоф додани фаҳмиши ранг, васеъ кардани лаёқати тасвиркунӣ, тасаввуроти эҷодӣ, фикрронии фазоӣ, пайдо кардани шавқу ҳавас ба санъат мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба таълими санъати тасвирӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Санъати тасвирӣ ба нақшаи таълимии синфҳои 1-7 ворид карда шудааст, ки дар синфҳои 1- 4 ҳафтае 2 соат ва дар синфҳои 5-7 яксоатӣ таълим дода мешавад.

Муаллим дар дарси санъати тасвирӣ бояд ба инкишофи тафаккури бадеиву эҷодии хонандагон таъсир расонда, шавқу завқи онҳоро нисбат ба санъат ташаккул ва такмил диҳад. Дарси санъати тасвирӣ ба хонандагон панҷ намуди дониши графикӣ ва молока медиҳанд:

1. Тасвири расм аз рӯйи асл
2. Тасвири расм аз рӯйи мавзуъ
3. Ороиш
4. Гилкорӣ ва дизайн
5. Асосҳои санъатшиносӣ

Ҳангоми таълими фанни санъати тасвирӣ дар синфи шаш, дар нимсолаи якум, рейтинги 2, мо метавонем, барои баёну фаҳмондани мавзуи нав ва васеъ кардани ҷаҳонбинии онҳо аз асарҳои рассомони тоҷик самарабахш истифода кунем.

Чеҳранигорӣ жанри маъмул ва душвори санъати тасвирӣ буда, рассом ҳаёту фаъолияти афроди тасвиршаудро аз нигоҳи худ таҷассум менамояд. Бинобар он, рассом бояд дарк кунад, ки қаҳрамонони ӯ - шоир, нависанда, олим, қаҳрамони меҳнат ва ғайра аз рӯйи хислат ва характер аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Рассомони тоҷик бо тасвири симоҳои намоён аз гузаштаву имрӯзи пурифтихори фарзандони барӯманди миллат ёд намуда, баҳри вусъати ҳисси ватандӯстии мухотабони худ таъсир мегузоранд ва андешаву боварии онҳоро ба фардои миллат ваояндаи кишвар қавӣ мекунанд.

Дар ин бора дар Консепсияи миллии тарбия, дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлат омадааст. Зеро он моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи миллиро ба танзим дароварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти насли наврас - хонандагон муайян мекунад. Дар боби чаҳоруми Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тарбияи миллӣ ва ватанпарастӣ чун унсуре, ки унсурҳои дигар аз онҳо сарчашма мегиранд, чунин қайд гардидааст:

«Тарбияи миллӣ ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандро дар назар дорад. Он ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, аз нав эҳё намудани урфу одат ва анъаноти арзишманди миллӣ, дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани забон, илм ва фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигарро фаро мегирад”[2].

Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, ватан низ ифода меёбанд.

Ҳама аносири дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш дар назар доранд. «Фаромӯш набояд кард, ки, - таъкид мекунад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, - танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад» [2, с.18].Вақте сухан аз хусуси тарбияи миллӣ ва ватаннарастӣ меравад, аксар ба андеша меравем, ки пеш аз ҳама мафҳумҳои ватан, ватандӯстӣ чӣ маънӣ доранд? Вожаҳои мазкур дар луғатҳо чӣ гуна ташреҳ ёфтаанду киро метавон ватандӯст ё ватанпарасти ҳақиқӣ донист? Перомуни ин

мафҳумҳои барои мо муқаддас ҳамзамонони мо, бузургони сухан - адибон, олимон, муаррихону файласуфон чӣ гуна андешаву афкорро рӯи сафҳа овардаанд?

Ватан - калимаи арабӣ буда, маънояш зодгоҳ, ҷои таваллуд аст[7]. Аз замонҳои қадим калимаи ватандӯстӣ муҳаббат ба ватанро ифода мекард. Мафҳумҳои ватану диёр чӣ маънӣ доранд? Агар дар бораи нишонаҳои умумӣ сухан ронем, бо мафҳуми Ватан чунин муҳити сиёсӣ, маданӣ ва иҷтимоиеро метавон фаҳмид, ки дар он таваллуду ба воя расидани инсон ба вуқуъ меояд. Азбаски ин муҳит бо мавқеи муайяни ҷуғрофӣ, ки инсон дар он таваллуд шуда ба воя мерасад, алоқаманд аст, бинобар ин, вай қисми муҳимми мафҳуми ватан мебошад.

Нишонаҳои ватандӯстӣ дар ҷамъияти ибтидоӣ пайдо шудаанд. Бо мурури замон ҳисси дилбастагӣ ба замин ва забони худ бо дарки вазифаҳои шаҳрвандӣ дар назди ҷамъият пайваст гардид. Кӯшиши одамон барои инкишоф додани ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ватани худ, ҳифзи он аз истилогарони хориҷӣ нишонаи барҷастаи ватандӯстӣ аст.

Ифтихор намудан аз дастовардҳо ва фарҳанги ватани худ, бо хоҳиши худ маҳфуз нигоҳ доштани хислат ва хусусиятҳои фарҳангии он, ҳимояи манфиатҳои Ватан ва халқи худ сифатҳои беҳтарини ватандӯстӣ мебошанд.

Дар шароити бавуҷудоии миллатҳо ва давлатҳои миллӣ, ватандӯстӣ қисми таркибии шуури ҷамъиятӣ, инъикоскунандаи инкишофи омилҳои умумимиллии он мегардад. Ватандӯстӣ дар ҳамаи давру замонҳо яке аз хислатҳои неки инсоният ба шумор меравад.Ватандӯстӣ, меҳандӯстӣ — принсипи ахлоқию сиёсӣ ва ҳисси иҷтимоӣ, мазмуни аслиаш меҳру муҳаббат ва садоқат ба Ватан ва омода будани инсон ба боло гузоштани манфиатҳои ӯ аз манфиатҳои шахсии худ мебошад. Ватандӯстӣ муносибати ҳиссӣ нисбат ба Ватан буда, дар хидмат кардан ба Ватан ва муҳофизат намудани он ифода меёбад.Тарбияи ватандӯстӣ ҷузъи муҳимми тарбияи миллӣ ба ҳисоб рафта, яке аз вазифаҳои асосии мактаби муосир аст, зеро хонандагон ва ҷавонон барои ҳимояи Ватан ва нигоҳ доштани арзишҳои маданиву маънавии он масъул ҳастанд.

Ин масъулиятро мактабу маориф дар раванди таълим бояд ҳарчӣ бештар такмил диҳанд.Дар дарси санъати тасвирӣ тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути расму муҷассама ва асари дигари санъати тасвирӣ сурат мегирад ва яке аз онҳо мусаввараҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Симои Эмомалӣ Раҳмон, зиндагинома ва мубориза баҳри фардои Тоҷикистон барои ҷавонон ибратбахш буда, баёнгари симои асили ватандӯст дар назди насли наврас ҷилва мекунад, инчунин нишонаи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, меҳнатдӯстӣ ва масъулиятшиносӣ нисбати насли ҷавон беҳтарин симо мебошад.

Президенти Тоҷикистон дар баромадҳои хеш борҳо таъкид кардаанд, ки тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавонон дар руҳияи арзишҳои суннатию башарӣ яке аз вазифаҳои муҳимми имрӯзу ояндаи давлат ва ҷомеа мебошад.

Рассомони тоҷик баҳри тарбияи бинанда, аз ҷумла хонандагон мазмуну муҳтавои асарро барои тарбияи ватандӯстиву хештаншиносии онҳо равона намудаанд. Зеро интихоби лаҳзаҳои ибратбахши таърихӣ, бо воситаи интихоби образу қаҳрамони асар ва бо ҷобаҷогузорӣ, рангҳо ва равшанию торикӣ ҷаззобият, мубориза ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву хештаншиносии насли наврас роли асосӣ мебозад.

Аз ҷумла, метавон бо корнамоии шахсони барҷаста насли наврасро ба тарбияи ватандӯстӣ даъват намуд. Зеро ки истифодаи асарҳои рассомон бо симоҳои варзида мувофиқи матлаб аст. Чунки асарҳо ҳамчун воситаи айёнӣ барои сухан кардан оид ба корҳои намоёни онҳо баҳри шукуфоии миллати тоҷик мебошад. Тасвири шахсони барҷаста дар жанри чеҳранигории рассомон мувофиқи мақсад мебошад.

Дар эҷодиёти рассомони тоҷик тасвири симои Эмомалӣ Раҳмон ҷолиби диққат аст.Рассомони тоҷик Ғафурҷон Ҷӯраев, Абдураҳим Ҷаборов ва Абдураҳмон Исроилов дар тасвири симои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба комёбиҳои назаррас ноил гаштанд, ки онҳоро мо метавонем ҳангоми таълими фанни санъати тасвирӣ истифода намоем.



***Ҷӯраев Ғ.”Эмомалӣ Раҳмон”, матоъ, ранги равғанин***

Мувофиқи нақшаи тақвимии синфҳои 5-7 дар таълими мавзуи чеҳранигорӣ бояд аз асарҳои рассомони шинохта чун аёнияти омӯзишӣ истифода барем, ки барои ин мо яке аз асарҳои Ғ.Ҷӯраевро интихоб намудем.

Ғ.Ҷӯраев асарҳои худро дар жанрҳои чеҳранигорӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва санъати пайкарасозӣ эҷод кардааст. Рассом дар офаридаҳои худ ашхоси таърихии халқи тоҷик ва мубoризони байни некию бадӣ, муаммоҳои умумиинсониро ифода кардааст. Ӯ дар асарҳои худ мавзуъҳои мухталифи ҳаёт, табиати зебоманзари Ватан, муаммоҳои таърихии халқи тоҷик, ки руҳияи инсонпарварӣ ва худшиносию меҳнатдӯстиро ифода кардаанд, моҳирона тасвир намудааст.

Рассом бахшида ба 90-солагии академик Б.Ғафуров силсилаасарҳоеро ба монанди «Эҳёи тоҷикон», «Ҳимояи Бохтар», «Спитамен», «Темурмалик» «Эмомалӣ Раҳмон», «Б.Ғафуров» эҷод намудааст, ки дар осорхонаи Б.Ғафуров маҳфуз мебошанд[4, с.30].

Асари “Эмомалӣ Раҳмон” яке аз асарҳои беҳтарини рассом буда, ӯ дар сюжети он симои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро ҳангоми интихоб шудан ба мансаби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба минбари Иҷлосияи тақдирсоз баромада, саравал сари таъзим ба Парчаму Нишони миллӣ фуруд оварда, фарзандона Парчами миллиро бӯсакардаро тасвир намудааст. Асар жанри чеҳранигориро дар бар гирифта, дар мавзуи таърихӣ иҷро шудааст.Аз ҷиҳати ҷобаҷогузории композитсионӣ мувофиқи матлаб буда, дар маркази асар Президент Эмомалӣ Раҳмон бо Парчами миллӣ мебошад.

Рассом қонунҳои тасвирро истифода намуда, мурожиат ва савганди Эмомалӣ Раҳмонро ба номи халқи озордида ифода намудааст. Рассом бо воситаи маҷмуи рангҳо аз тарафи чапи асар ба симои Эмомалӣ Раҳмон равшанӣ дода, Парчами миллӣ, ки гӯё офтоби бахту саодат бо омадани Президенти кишвар ба сари халқ нурафшонӣ мекунад, тасвир намудааст. Рассом бо торикию равшанӣ мазмуну муҳтавои асарро баҳри мухотаб ҷолибтар ва ҷаззоб гардонидааст. Ин асарро метавон барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносии хонандагон дар мавзуи чеҳранигорӣ самарабахш истифода намуд. Аз ҷумла, муаллим аз рӯи ин асари Ғ.Ҷӯраев ба хонандагони синфи шаш дар дарс оид ба мавзуи чеҳранигорӣ барои баланд бардоштани тарбияи ватандӯстиву хештаншиносӣ саволе медиҳад: - Дар ин асар кӣ тасвир шудааст?

-Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон.

-Хуб, дар асар Президенти кишварамон чи гуна тасвир ёфтаанд?



*Ҷӯраев Ғ. "Эмомалӣ Раҳмон", матоъ, ранги равганин*

- Президенти кишварамон дар мусаввара Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистонро бӯса доранд?

-Ана дидед, Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон парчамро чун фарзанди вафодори миллат бӯса карда, онро муқаддас медоранд. Аз ин ҷост, ки мо бояд Парчам, Нишони давлатӣ ва забони модариамонро ҳифз ва эҳтиром кунем.

- Кай Иҷлосияи XVI Шурои Олии ҷумҳурӣ баргузор гардид?

- Моҳи ноябри соли 1992 Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии ҷумҳурӣ баргузор шуд.

-Дуруст, канӣ кӣ ба ман мегӯяд, ки ин Иҷлосия дар куҷо баргузор шуд?

-Ин Иҷлосия дар Қасри Арбоб баргузор гардид.Бале, дар иҷлосия Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон Парчамро бӯса карда, аз минбари баланд ба тамоми ҷаҳониён эълон дошт: "Баҳри истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ва бозгашти ҳамаи гурезаҳо ман тайёрам ҷони худро нисор кунам"[1,с.69]. Албатта, ин фарзанди миллат бар гуфтаи худ вафо кард, ҳатто баҳри пойдории сулҳ дар Ватан ҷасурона бо мухолифон гуфтушунид намуд.

Рассом Ғ.Ҷӯраев инчунин, дар асари дигари худ симои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро образнок ва диққатҷалбкунанда тасвир намудааст. Мо аллакай дар ин асар даврони Истиқлолро мебинем, ки офтоби бахту саодат пурра бар сари халқи тоҷик нурафшонӣ карда истодааст.

Дар нақши аввали асар мо симои ватанпарваронаи Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки дар даст шохаи гули дарахт доранд ва он рамзи гул-гулшукуфоии Ватани азиз мебошад, мебинем. Президенти кишварамон нигоҳи боваринок баояндаи дурахшони Тоҷикистони мо доранд. Осмони соф аз пояндагии ваҳдати миллӣ шаҳодат медиҳад. Рассом пурра аз қонунияти тасвир ва ҷаззобияти маҷмуи рангҳо моҳирона истифода бурдааст.

Мо аз рӯи ин асари Ғ.Ҷӯраев ба хонандагон саволҳои зеринро пешниҳод менамоем:

- Дар асари рассом кӣ тасвир шудааст?

- Президенти кишварро тасвир гардидааст.

- Канӣ, кӣ ба ман мегӯяд, дар дасти Президенти кишварамон чӣ тасвир шудааст.

-Дар дасти Президенти кишварамон шохаи гули дарахт мавҷуд аст.

-Дуруст, шохаи гул рамзи чист?

-Гул рамзи зебоӣ, шукуфоӣ, дар фасли баҳор дарахтон гул мекунанд.

-Хуб, гули шукуфта рамзи aзнавбарқароршавии кишварамон ва шукуфоии Тоҷикистонро нишон медиҳад.

Мо акнун асари дигаро, ки ба калами рассоми тоҷик Абдураҳим Ҷаборов мансуб буда, "Ман ба Шумо судҳ меорам"ном дорад, мавриди таҳлил карор медиҳем.

Мусавварaҳои Ҷаборов А. дар жанрҳои мухталиф офарида шудаанд, онҳо тамошобинро ба дунёи рангини тахайюлот, эҳсоси лаҳзаҳои мухталифи зиндагӣ, ҷаҳони ботинии инсон раҳнамоӣ мекунанд[4, с.34 ].

Аз ҷумла, асари калонҳаҷм дар мавзуи «Ман ба Шумо сулҳ меоварам» бо симои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Осорхонаи Қасри Арбоб мебошад, ки тамоми дастовардҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро инъикос кардааст. Дар асарҳои ӯ қонунҳои бастакорӣ, дурнамо, назарияи рангшиносӣ, ранггузорӣ барои таҷассуми мақсаду марому сиёсати

пешгирифтаи Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасвир шудааст.



***Ҷабборов А. “Ман ба Шумо судҳ меорам”матоъ, ранги равганин***

Ин асар дар жанри чеҳранигорӣ иҷро шуда, мавзуи таърихиро фаро мегирад. Рассом дар сужети асар Қасри Арбоби хоҷагии ҷамоавии ба номи Саидхоҷа Ӯрунхӯҷаев, ки Иҷлосияи XVI тақдирсоз  дар он баргузор шуда буд ва симои Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки ин гӯё баъди Иҷлосия баҳри ба сарзамини тоҷикон овардани сулҳу ваҳдати миллӣ раҳсипор мешаванд, инъикос гаштааст. А.Ҷабборов дар симои Пешвои миллат шахси ватандӯсту масъулиятшиносро тасвир намуда, бо тасвири кабӯтарҳои сафед мақсаду мароми он касро таҷассум мекунад. Рассом қонунҳои тасвир ва дурнаморо мувофиқи матлаб истифода карда, бо воситаи маҷмуи рангҳо, яъне осмони кушод ва баромадани офтоби нуронӣ нишон медиҳад, ки Пешвои муаззами мо тавонист сулҳу ваҳдати миллиро дар қаламрави Тоҷикистон истиқрор диҳад.Асар дорои мазмуну муҳтавои баланди тарбиявӣ буда, ҳисси ватандӯстӣ, ватанпарварӣ ва худогоҳии хонандаро  баланд мебардорад.

Мо ба хонандагон аз рӯи асари зерин савол медиҳем:

- Хонандагон дар маркази асар мо киро мебинем ?

-Албатта, Пешвои муаззами мо – Эмомалӣ Раҳмонро мебинем .

-Хонандагони азиз, кабӯтар рамзи чист?

-Кабӯтар рамзи тозагӣ ва сулҳ аст.

-Бале, кабӯтар рамзи ваҳдат ва сулҳ аст, аз ин ҷост, ки дар ин асар рассом бо тасвири кабӯтар ҳаминро нишон доданист, ки Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвари мо баъди Иҷлосия барои ба мардуми тоҷик ва сарзаминин аҷдодамон сулҳ овардан раҳсипор мешаванд. Ин шахси ватандӯст барои оромӣ ва ободонии Ватан хизатҳои шоиста кардаанд, ки маҳз он кас сулҳ ва ваҳдати миллиро дар диёри азиз пойдор гардонданд.

-Абр  чиро ифода мекунад?

-Абр рамзи борон, тирагии ҳаво аст.

-Бале, абр дар осмони Тоҷикистон аз он далолат шаҳодат медиҳад, ки вазъият ноором аст. Аммо Эмомалӣ Раҳмон бо вуҷуди ин, нотарсона баҳри ояндаи миллат, сарзамини тоҷик  қадам ба пеш мениҳанд. Баромадани офтоб дар мусаввара инро мефаҳмонад, ки Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми кишвар сулҳ меоваранд.

Жанри дӯстдоштаи рассом А. Исроилов  чеҳранигорӣ мебошад ва ӯ дар ин жанр  бештар комёб гардидааст.Рассом дар асарҳои чеҳранигории худ шахсиятҳои барҷастаи Тоҷикистон ба монанди амир Исмоили Сомонӣ, академик Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон, Ҷаббор Расулов, чеҳраҳои шинохтаи касбҳои гуногуни омӯзгорон, пешқадамони истеҳсолот, чеҳраҳои наздикон, автопортрет офаридааст.Дар қатори ин асарҳо “Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон- кафили сулҳу ваҳдат” (2017) дар ҷойи намоён мебошад



*Исроилов А ."Дӯстӣ ду халқи бузург абадӣ аст", матоъ, ранги равғанин*

Мо яке аз асарҳои тозаэҷоди рассом А.Исроилов, ки "Дӯстии ду халқи бузург абадӣ аст" ном дорад, ки дӯстии ду халқ дар мисоли ду чеҳра- Президентони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон як асари том эҷод кардааст, дида мебароем.

Асар аз он сабаб таърихист, ки соли 2018 байни ду халқ муносибати дӯстона аз нав барқарор гардидааст.Сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки санаи 17 августи соли 2018 дар шаҳри Тошканд ҷараён гирифт, дар тавсеаи робитаҳои ду давлат нақши густурда дошта, зимни он байни ду кишвар санадҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд, ки бозгӯи дурнамои неки робитаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон аст. Робитаи дӯстии байни ду миллат, ки аз қаъри асрҳо, аз замони шоирон ва мутафаккирони бузурги адабиёти классики тоҷику ӯзбек Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ ибтидо гирифтааст, дар шароити имрӯза рушд меёбад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баён карда буданд: "Эҳсоси олии дӯстӣ, бародарӣ ва дастгирии якдигар асосҳои таърихии муносибатҳои байни халқҳои мо мебошанд, ки тули асрҳо аз насл ба насл интиқол ёфтаанд. Тоҷикону ӯзбекон ду халқе ҳастанд, ки арзишҳои ахлоқӣ, ҷашну оинашон ба ҳамдигар хеле монананд". Рассом дар нақши аввал ду президент Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёевро тасвир кардааст, ки дар даст китоби тозаэҷоди дӯстии байни шоирони бузург Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоиро супурда истодаанд. Дар нақши дуюм шоирони ин ду халқ - Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода ва Ғафур Ғуломро тасвир намудааст. Исроилов А. дар асари хеш муҳити дӯстиро дар байни ду сарвари давлат ба тасвир гирифтааст.Асар мавзуи сиёсиро дар бар гирифта, хусусияти таърихӣ дорад. Рассом дар асари тозаэҷоди худ воқеаи таърихиро воқеъбинона тасвир карда, хислатҳои беҳтарини тасвиршавандагонро ифода намудааст. Ӯ бо истифодаи назарияи рангшиносӣ асарро боз ҳам ҷаззоб ва диққатҷалбкунанда гардонидааст. Ӯ бинандаро ба сулҳу субот ва дӯстию рафоқат даъват мекунад.

Мо ба хонандагон баҳри ҳавасманд шудан ва аз мақсади рассом бархӯрдор гаштан, саволҳои зеринро медиҳем:

-Рассом дар нақши аввал киро тасвир намудааст?

-Рассом дар нақши аввал Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзоевро тасвир намудааст.

-Хуб, онҳо дар даст чӣ доранд?

- Дар дасти онҳо китобест, ки дӯстии Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Наворо ифода мекунад.

-Дуруст, ин китоб асари тозаэҷоди шоирони бузург Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ аст, ки аз робитаи дӯстии байни миллатҳо гувоҳӣ медиҳад.

- Дар нақши дуюм киҳо тасвир шудаанд?



*Исроилов А .”Пешвои муаззами мо Эмомалӣ Раҳмон- кафили сулҳу ваҳдат”, матоъ, ранги равғанин*

-Дар нақши дуюм Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода ва Ғафур Ғулом тасвир шудаанд.
- Бале, рассом дар асари хеш муҳити дӯстиро дар байни ду сарвари давлат тавассути китоби суханварони ду миллат, ду парчам, шоирони тоҷику ӯзбек нишон дода, дар миёна устод Айниро тасвир намудааст, ки ин рамзи ба ҳар ду миллат дахл доштани ин абармардро нишон медиҳад.Ин ҳама дар маҷмуъ, бар он далолат менамояд, ки аз қадимулаём дӯстӣ дар байни ду миллат мавҷуд будааст.

Ҳамчунин асари дигари рассом А.Исроилов симои Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун кафили сулҳу субот, Истиқлоли давлатӣ ва гул-гулшукуфоии Ватан- Тоҷикистони мо тасвир намуда, аз хизмату талошҳои ӯ баҳри ободии диёр ва осоиштагӣ шаҳодат медиҳад. Зеро маҳз Эмомалӣ Раҳмон тавонист сулҳу суботро истикрор кунад, баҳри ояндаи миллат талош варзад ва дар рушду нумӯи Ватани азизамон саҳми худро гузорад, ки ин барои баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, тарбияи миллӣ ва ватандӯстии насли оянда намуна мебошад.
Мо барои мустаҳкам намудани донишҳои назарӣ чунин саволҳоро ба хонандагон пешниҳод менамоем:

- Хонандагони азиз, мо дар асари рассом киро мебинем?

- Дар асари рассом Президенти кишварро, инчунин муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, Парчами Тоҷикистон, кабӯтар, кӯҳ ва табиати гулзорро мебинем.

-Бале, ин аллакай аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон гул- гул шукуфта истодааст, сулҳу ваҳдати миллӣ пойдор, ҳама ҷо гулафшон аст.Президенти мо бо заҳмату талошҳои пайгирона сулҳу ваҳдати миллиро пойдор намудаанд. Ин ҳама баҳри насли наврас, баҳри Шумо-хонандагон, баҳри ояндаи Тоҷикистон- Ватани азизи мо мебошад, ки мо инро бояд эҳтиром ва ҳифз кунем. Мо низ барои ободонии Ватан саҳм гузорем, кӯшиш кунем, ки Тоҷикистон боз ҳам тараққӣ кунад ва онро барои насли оянда мерос гузорем. Бояд ватандӯстиву ватанпарварии Пешвои миллат намунаи ибрати мо бошад. Аз ҳамин лиҳоз, мо бояд бо хонишу хубу аъло, иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ, посдорӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ ватандӯстии худро нишон диҳем.

Хулоса, рассомони тоҷик кӯшиш намуданд, ки дар асарҳои чеҳранигории худ хизматҳои Эмомалӣ Раҳмонро дар барқарор ва таҳкими сулҳу суботи кишвар ифода намоянд, зеро хизматҳои Сарвари кишварамон дар ин ҷода бесобиқа мебошанд. Асарҳои чеҳранигории рассомони точик яке аз воситаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон буда, маводи хуби аёнӣ дар

ин замина мебошад.Хонандагон тавассути тамошо ва дарки осори рассомон дар бораи кӯшишу талошҳои Эмомалӣ Раҳмон маълумот пайдо намуда, аз чунин хислатҳои неки инсонӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми арзишҳои илмӣ ва ифтихор аз ватан огаҳӣ пайдо мекунанд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Ғаффорӣ, Воҳид. Эмомалӣ Раҳмонов: “ Ман ба шумо сулҳ меорам!”/В.Ғаффорӣ. – Душанбе: Авасто, 1998.- 80 с.
2. Консепсияи миллии тарбия, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 3. 03. 2006 //www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=31987
3. Набиҷонова, М.Р. Консепсияи миллии тарбия- ифодагари арзишҳои миллӣ/М.Р.Набиҷонова, С.Х.Давлатова, А.Ғафуров.-Хуҷанд: Ношир, 2014.- 400 с.
4. Парвозгоҳи бузургон,- Хуҷанд, 2002.
5. Ҳасанов, С. Нақши устодон ва хатмкунандагони Донишгоҳи дав- латии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар рушди санъати тасвирии Тоҷикистон. Ҳолнома ва мунтахаби асарҳои эҷодии устодон ва хатмкунандагони донишгоҳ/С.Ҳасанов.-Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. - 150 с.
6. Шарифзода, А. Президент (Накши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ)/А.Шарифзода, С.Шамсиддинов , З. Қосимӣ .-Душанбе: Ирфон, 2011.- 372с.
7. https://vazhaju.tj/search/%D0%B2%D0%B0%D1%82%D0%B0%D0%BD


**REFERENCES:**


1. Vahid Ghaffari. Emomali Rakhmonov: “I will bring you peace!” - Dushanbe; "Avasto", 1998.- 80 p.
2. National concept of education, Decree of the Government of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, March 3, 2006.
3. Nabizhonova M.R., Davlatova S.Kh., Gafurov A. The concept of national education - an expression of national values. - Khujand: Publishing House, 2014. - 400 p.
4. Airport of the Great, - Khujand 2002
5. S. Gasanov. “The role of teachers and graduates of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov in the development of the fine arts of Tajikistan.” Newsletter and a selection of creative works by university teachers and graduates. - Khujand: Light of Enlightenment, 2019. - 150 p.
6. Sharifzoda A., Shamsiddinov S., Qasimi Z. President (The role of Emomali Rahmon in strengthening state power and national independence). Dushanbe: “Irfan”, 2011.-372 p.
7.https://vazhaju.tj/search/%D0%B2%D0%B0%D1%82%D0%B0%D0%BD